# Эълон: Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забони модарӣ – мероси фарҳангии соҳибзабонон» (21 феврали соли 2019)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 15 February, 2019 - 20:20
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми феврали соли 2019, соати 9:00 Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявиро бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ таҳти унвони «Забони модарӣ – мероси фарҳангии соҳибзабонон» бо иштироки олимону донишмандони кишвар ба нақша гирифтааст.

Барои иштирок дар Конференсия матни маърӯзаро то 19-уми феврали соли 2019 ба нишонии мо:
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи 3-юми бинои Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” ё ин ки почтаи электронии Кумита kumitaizabon@mail.ru [1] пешниҳод намоед.

Талабот ба таҳияи маърӯзаҳо:
Маърӯзаро дар ҳаҷми аз 4 то 6 саҳифаи чопӣ дар формати Word, варақаи андозаи А 4, фосилаҳо аз боло 2 см., аз поён 2 см., аз чап 3 см., аз рост 1,5 см., фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфи Times New Roman ва Times New Roman Tj, андозаи ҳарфҳо 14 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод кардан зарур аст. Ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, вазифаи ишғолкардаи муаллиф бо пуррагӣ дар гӯшаи рости варақ баъди унвони маърӯза ҷойгир карда шавад.

Маводи Конференсия дар шакли маҷмӯа чоп мешавад.

Телефонҳо барои тамос: 227-59-25; 227-64-51; 92-721-53-46. Почтаи электронӣ: kumitaizabon@mail.ru [1]

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Конференсияҳо [2]
- Эълонҳо [3]

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6542

**Links**
[1] mailto:kumitaizabon@mail.ru [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/30 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25